ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ
ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

| Рўйхатга олинди: | “ТАСДИҚЛАЙМАН” |
|---|---|
| № БД–60230100– 1.19 | Р.И.Халмурадов |
| 202_ йил “27” август | _______________ |
| | 202__ йил «___» ________ |

# АДАБИЙ ЖАРАЁН
фанидан
# ТАЪЛИМ ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200000 | -Гуманитар ва санъат |
| Таълим соҳаси: | 230 000 | - Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

| Фан/Коди модул AJM1005 (бакалавриат/ магистратура) | Соли хониши 2020-2021 | Семестри 1 | ECTS-Кредитҳо 5 |
|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Маҷбурӣ** | **Забони таълим** Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина 4** |

| 1 | Номи фан | Машғулотҳои аудиторӣ (соат) | Таълими мустақил (соат) | Ҷамъи сарборӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|
| | **«Ҷараёни адабӣ»** | 60 | 90 | 150 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсади фанни «Ҷараёни адабӣ» аз он иборат аст, ки мутахассисони ояндаи забон ва адабиёти тоҷик дар бораи ҷараёнҳои гуногуни адабӣ, бобати таърихи ташаккули чараёни адабӣ, вусъат ва инкишофи ҷараёнҳои адабӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихи адабиёт, бобати шакл ва мазмуну моҳияти ҳар як ҷараёни адабии форсу тоҷик дар гузашта ва замони имрӯз, омилҳои шаклгирии ҷараён маълумот ба даст оваранд.

Вазифаи фанни «Ҷараёни адабӣ» аз инҳо иборат аст: оид ба афкори назарии олимони адабиётшинос ва осори онон доир ба ҷараёнҳои адабӣ маълумот додан; дар зеҳни донишҷӯён ташаккул додани малакаи таҳлили назарӣ, шинохти ҷараёнҳои адабӣ, сабкҳои гуногуни эҷодӣ дар асоси нишонаҳои онҳо; оид ба вазъи инкишофи адабиёти тоҷик дар вобастагӣ бо ҷараёнҳои нави адабӣ маълумот додан.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Ҷараёни адабӣ ҳамчун фан**

Мафҳуми «ҷараёни адабӣ». Мақсад, вазифа ва предмети фан. Аз таърихи ҷараёни адабии ҷаҳон. Айният ва фарқияти ҷараёни адабӣ, мактаби адабӣ, услуби эҷодӣ, сабкҳои адабӣ. Омилҳо ва тамоюлоти пайдоиши ҷараёнҳои адабӣ. Дараҷаи омӯзиши ин фан. Ҷараёнҳои адабии форсу тоҷик. Ҷараёни иҷтимоӣ ва чараёни адабӣ.

**Мавзӯи 2. Ҷараёни адабии шуубия ва ташаккули сабки хуросонӣ**

Ҷараёни адабии шуубия. Омилҳои пайдоиши наҳзати шуубия ва мақсаду моҳияти адабию иҷтимоии ин ҷараён. Адабиёти шуубӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии адабиёти шуубӣ. Вакилони намоёни адабиёти шуубӣ. Методҳои асосии

эҷоди бадеӣ дар ин ҷараёни адабӣ. Ташаккули сабки хуросонӣ ва вижагиҳои он. Саҳли мумтанеъ.

**Мавзӯи 3. Ҷараёни адабии риндӣ**

Кеши лаззатпарастӣ ва омилҳои ба вуҷуд омадани он. Интишори ғояҳои риндӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ. Талқини ғояҳои риндӣ дар ашъори шоирони тоҷик.

**Мавзӯи 4. Ҷараёни адабии сӯфия**

Тасаввуф ва унсурҳои таркибии он. Моҳияти иҷтимоию адабии ҷараёни сӯфия. Таъсири тасаввуф ба адабиёт ва ташакули адабиёти тасаввуфӣ. Мазмун ва мундариҷаи ғоявии адабиёти тасаввуфӣ. Вакилони барҷастаи адабиёти сӯфия: Абулмаҷди Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолиддин Румӣ ва мӯҳтавои эҷодиёти онҳо. Мавқеи романтизм дар адабиёти бадеӣ.

**Мавзӯи 5. Ҷараёни адабии маорифпарварӣ**

Ҷунбиши маорифпарварӣ ва қонуниятҳои он. Моҳияти асосии ҷараёни адабии маорифпарварӣ. Таҷассуми ғояҳои маорифпарварӣ-таҷаддудгароӣ дар адабиёти бадеӣ. Хусусиятҳои асосии адабиёти маорифпарварӣ. Намояндагони номии ҷараёни маорифпарварии тоҷик. Методи реализми маорифпарварӣ ва моҳияти он. Адабиёти маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни адабии давраи гузариш. Сабки эҷодии осори маорифпарварон.

**Мавзӯи 6. Таҷаддудгароӣ ҳамчун ҷараёни адабӣ**

Ҷараёни адабии ҷадидия ҳамчун давоми мантиқии ҷараёни маорифпарварӣ. Андешаҳои таҷаддудгароӣ дар наҳзати ҷадидия ва ифодаи он дар адабиёти бадеӣ. Вакилони намоёни адабиёти маорифпарварӣ-таҷаддудхоҳӣ. Мирзо Сироҷ, Садри Зиё, Абдурауф Фитрат, Сиддиқии Аҷзӣ, Садриддин Айнӣ ва ғайра. Падидаҳои тоза дар назми ин давра. Осори насрии адабиёти таҷаддудхоҳӣ. Реализми маорифпарварӣ ва ё реализми танқидӣ дар адабиёти маорифпарварӣ - таҷаддудгароӣ. Сабки эҷодии осори ҷадидон.

**Мавзӯи 7. Роҳ ва равияҳои асосиии ташаккули адабиёти асри XX**

Насри бадеӣ ва ташаккули он дар адабиёти ибтидои асри XX. Тамоюлот ва омилҳои ташаккули насри бадеии тоҷик. Садриддин Айнӣ ва мавқеи ӯ дар ташаккули насри бадеии тоҷик. Методи реализм дар насри бадеии ин давра. Мактаби Айнӣ дар ин ҷода. Жанрҳои асосии насри бадеии тоҷик ва хусусиятҳои он. Анъанаи ҳикоянависӣ дар адабиёти навини тоҷик. Драматургия дар адабиёти тоҷик. Наҳзати жанри повест ва роман дар адабиёти тоҷик. Хусусияти сабки эҷодии шоирон ва нависандагони аҳди шӯравӣ.

**Мавзӯи 8. Вижагиҳои асосии шеъри нави точик**

Пайдоиш ва ташаккули шеъри нав дар адабиёти тоҷик. Мазмун ва шакли шеъри нави тоҷик. Иҷтимоигароӣ ва воқеънигорӣ – асоси шеъри нави тоҷик.

| | |
|---|---|
| | Унсурҳои шаклии нав ва падидаҳои тоза дар сохтори шеър. Арзиши бадеию ғоявии шеъри нави тоҷик. Намояндагони барҷастаи шеъри нави адабиёти муосири тоҷик.<br>**Мавзӯи 9. Анвои шеъри нави тоҷик: Шеъри сафед ва озод**<br>Омилҳои пайдоиши шеъри сафед ва озод. Моҳияти асосии шеъри нав дар адабиёти тоҷик. Амиқии тахайюли бадеӣ дар шеъри озод. Хусусиятҳои услубию бадеии шеъри озод дар адабиёти муосир. Таъсирпазирии шоирони тоҷик аз шоирони Эрон ва афғон. Нақши Мӯъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Фарзона, Сиёвуш, Доро Начот  дар ташаккул ва таҳаввули шеъри наву озоди тоҷик.<br>**Мавзӯи 10. Вазъи инкишофи назми тоҷик дар охири асри XX ва аввали асри XX1**<br>Майл ба гуфтани шеъри ҳунарӣ дар назми муосир. Таъсирпазирӣ аз ашъори нави Аврупо ва Эрон. Шоирони пешрафтаи тоҷик ва намунаҳои барҷастаи ашъори онҳо. Таъсири ҷараёнҳои нави адабӣ дар услуби эҷодии шоирони муосири тоҷик. модернизм, постмодернизм ва ғ.<br>**Мавзӯи 11. Вазъи инкишофи насри тоҷик дар охири асри XX ва аввали асри XX1.**<br>Эҳёи забони насри адабиёти мумтоз дар насри бадеии муосир. Таъсирпазирӣ аз адибони пешқадами Аврупо ва Эрон. Таваҷҷӯҳи бештар ба насри ривоятӣ дар насри солҳои охир. Ҷустуҷӯ ва навовариҳо дар услуби баён ва тасвир дар насри Баҳманёр. Тасвири проблемаҳои ахлоқи иҷтимоӣ, қувват гирифтани психологизми тасвир, вусъати монологи ботинӣ. Майл ба рӯйдодҳои таърихӣ дар насри С.Улуғзода, У.Кӯҳзод, Саттор Турсун ва Сайф Раҳим.<br>**Мавзӯи 12. Ҷараён нави адабӣ ва услубҳои эҷодӣ дар кори адибони муосир: сюрреализм, модернизм, постмодернизм, психологизм**<br>Омилҳои иҷтимоиву сиёсии ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои нав – модернизм ва постмодернизм.Модернизм ва постмодернизм – услубҳои эҷодӣ. Корбасти услуби нави эҷодии модернизм дар адабиёти муосири тоҷик. Модернизм омили нигориши тоза ба дунё ва инсон.<br>**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**<br>Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:<br>1. Талқини ғояҳои шуубӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ<br>2. Ҷанбаҳои риндонаи рубоиёти Хайём<br>3. Талқини ақидаҳои ҷавонмардию риндӣ дар ғазалиёти Ҳофиз<br>4. Омилҳои иҷтимоию сиёсии ташаккули ҷараёни адабии сӯфия<br>5. Таъсир ва нуфузи ҳаракати маорифпарварӣ дар осори Дониш, Возеҳ, |

Савдо ва Шоҳин

6. Талқини ғояҳои таҷаддухоҳӣ дар осори А.Фитрат
7. Насри бадеии Садриддин Айнӣ ва хусусиятҳои жанрию услубии он
8. Ашъори Лоҳутӣ ва нақши он дар ташаккули шеъри муосири тоҷик
9. Адабиёти муосири тоҷик ва самтҳои асосии инкишофи он
10. Ҷараёнҳои адабии замони нав ва мушаххасоти он
11. Модернизм ҳамчун ҷараёни адабии нав
12. Таъсир ва нуфузи ҷараёни адабии модернизм дар осори назмиву насрии адабиёти тоҷик
13. Лирикаи Лоиқ Шералӣ ва таҳаввули шеъри муосир
14. Бостонгароӣ(муроҷиат ба таърих) дар насри муосири тоҷик
15. Услубҳои нави эҷодӣ дар эҷодиёти шоирони муосир
16. Сабки эҷодии шоирони аҳди шӯравӣ
17. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии ҳикояҳои адиби навовар Баҳманёр
18. Муроҷиат ба масоили иҷтимоиву сиёсӣ яке аз вижагиҳои шеъри имрӯз

Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

## IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Омилҳои пайдоиш ва ташаккули ҷараёнҳои адабии Ғарб
2. Ҷараёни адабии шуубия ва таъсири он ба осори ҳамасрони Рӯдакӣ
3. Реализм ҳамчун ҷараёни адабӣ
4. Романтизм ҳамчун методи эҷоди бадеӣ
5. Мактабҳои адабии форсу тоҷик дар асрҳои миёна ва вобастагии онҳо ба ҷараёнҳои адабӣ
6. Реализми танқидӣ ва ё маорифпарварӣ дар нимаи дуввуми асри Х1Х
7. Ҷавонмардӣ ва нуфузу эътибори ин ҷараён дар адабиёти форсу тоҷик
8. Ҷараёни адабии риндӣ ва моҳияти он
9. Афкори тасаввуфӣ дар осори Ҷалолиддини Румӣ
10. Ҷараёни адабии таҷаддудхоҳӣ ва фарқиятҳои он аз ҷараёни адабии маорифпарварӣ.
11. Инъикоси ғояҳои таҷаддудхоҳӣ дар осори лирикии Фитрат.
12. Талқини ғояҳои ҷадидӣ дар маснавиҳои Аҷзии Самарқандӣ
13. Моҳияти фалсафии ашъори Лоиқ Шералӣ.
14. Нерӯи маърифат ва ҳофизаи таърихии халқ дар «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ.

| | |
|---|---|
| | 15.Рӯҳияи худшиносии миллӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ.<br>16.Тасвири олами ботинии эҷодкор дар романи «Актёр»-и Сорбон<br>17.Хусусиятҳои муҳимтарини осори адибони авали асри XX<br>18.Реализми танқидӣ ва инъикоси он дар осори Садриддин Айнӣ<br>19.Мавқеи назм дар адабиёти тоҷикзабони Ўзбекистони соҳибистиқлол.<br>20.Мавзӯи Ватан ва ватанпарварӣ дар назми тоҷикзабони Ўзбекистони соҳибистиқлол.<br>21.Ақидаҳои риндонаи Хайём<br>22.Афкори риндии Ҳофиз<br>23.Ҷанбаҳои реализми танқидӣ дар осори Аҳмади Дониш<br>24.Омилҳои наҳзати реализми танқидӣ дар эҷодиёти адибони маорифпарвар.<br>25.Масъалаи мутаносибияти ҷараёни адабӣ ва ҷараёни иҷтимоӣ<br>26.Хусусиятҳои муҳимтарини сабкҳои адабӣ ва вобастагии онҳо ба ҷараёни адабӣ<br>27.Сабкҳои шеърӣ ва мазмуну моҳияти онҳо<br>28.Мавқеи тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷику ўзбеки замони мо<br>29.Шаклу роҳҳои таъсири адабӣ дар адабиёти тоҷик ва ўзбек.<br>30.Шаклу роҳҳои таъсири адабӣ дар адабиёти тоҷик ва ўзбек.<br>31.Даврони бозгашт ва бозёфт дар адабиёти навини тоҷик<br>32.Мақоми жанри ғазал дар адабиёти тоҷикзабони Ўзбекистони имрӯза<br>33.Марҳилаи инкори суннат ва мерос дар адабиёти форсу тоҷик<br>34.Ҷанбаҳои публитсистӣ дар осори вакилони адабиёти ибтидои асри XX<br>35.Мавқеи адиб ва адабиёт дар чамъияти нав<br>36.Истиқлоли миллӣ ва ҷараёни адабӣ<br>37.Навпардозиҳо аз нигоҳи шакл ва мазмун дар осори назмии нимаи дуввуми асри XX<br>38.Падидаҳои тозаи шаклӣ ва мазмунӣ дар осори насрии вакилони адабиёти нимаи дуввуми асри XX<br>39.Тамоюлоти таърихият дар роман ва қиссаҳои даҳсолаҳои охири асри XX<br>40.Масъалаи «шеъри нав» ва «шеъри озод» дар адабиёти навини тоҷик<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• бобати таърихи ташаккули ҷараёни адабӣ, вусъат ва инкишофи ҷараёнҳои адабӣ дар марҳилаҳои мухталифи таърихи адабиёт, бобати шакл ва мазмуну моҳияти ҳар як ҷараёни адабии форсу тоҷик дар гузашта ва замони имрӯз, омилҳои шаклгирии ҷараён ва майлонҳои адабӣ, унсур ва |

| | |
|---|---|
| | қисмати таркибби ҷараёни адабӣ, қонуният ва категорияҳои ташаккули ҳар як ҷараёни адабӣ, доир ба мафҳуми ҷараёни адабӣ, айният ва фарқияти он аз мактаби адабӣ, методи эҷоди бадеӣ, услуби бадеӣ, сабкҳои адабӣ, бобати реализми танқидӣ, реализми маорифпарварӣ, романтизм, модернизм, реализми сотсиалистӣ, психологизм ва ғайраҳо ба ***тасаввурот ва дониши назарӣ соҳиб бошад;***<br>• Дар ҷараёни омӯзиши фанни мазкур донишҷӯ бояд бобати фарқ ва тафовути ҳар як ҷараёнҳои адабӣ, муайян кардани мавқеи ин ё он адиб ва осори ӯ дар адабиёт, таъсиру нуфузи воқеияти давр ба адабиёти бадеӣ, дар алоқамандӣ таҳлил карда тавонистани асари бадеӣ бо мазмуну моҳияти ҷараёни адабӣ, принцип ва қонунияту омилҳои пайдоиши ҳар як ҷараёни адабӣ ва ғайраҳоро донад ва ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;***<br>• Дар ҷараёни омӯзиши фанни мазкур донишҷӯ бояд бобати фарқ ва тафовути ҳар як ҷараёнҳои адабӣ, муайян кардани мавқеи ин ё он адиб ва осори ӯ дар адабиёт, таъсиру нуфузи воқеияти давр ба адабиёти бадеӣ, дар алоқамандӣ таҳлил карда тавонистани асари бадей бо мазмуну моҳияти ҷараёни адабӣ, принцип ва қонунияту омилҳои пайдоиши ҳар як ҷараёни адабӣ ва ғайраҳо ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• такдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиётҳои асосӣ**<br>1. Абсамиев Ҳ. Ҳозирги адабий жараён. – Тошкент: 2006;<br>2. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Душанбе: Маориф, 1999 |

3. Ж.Ҳамроев, М.Додобоев. Ҷараёни адабӣ. -Самарқанд: СамДУ, 2001;
4. Ҳамроев Ҷ. Таърихи адабиёти навини тоҷик. Тошкент, Тамаддун, 2015

**Адабиёти иловагӣ**

1. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент, “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 29 б.
2. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 47 б.
3. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. “Ўзбекистон” НМИУ, 2017. – 485 б.
4. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида” ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда
5. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. – Душанбе: Маориф, 1991.
6. Абдулҳусайни Зарринкўб. Ҷустуҷў дар тасаввуфи Эрон. Душанбе. 1992.
7. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър. – Душанбе: Дониш, 1980.
8. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ. Душанбе: Маориф, 1999
9. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. Қисми 1. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1987. – 328с.
10. Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои назму насри тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1988.
11. Бертельс Е. Э. Суфизм и суфийская литература. Москва: Наука, 1960.
12. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ. 2. Теҳрон, 1373.ҳ.
13. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336с.
14. Сатторов А. Таърихчаи назариёти адабии форси тоҷикӣ. – Д.: Адиб, 2001.
15. Доктор Човид. Сабк ва мухтасари насри Хоча Ансорӣ. Маҷаллаи «Адаб», 1343. ҳ.
16. Валихўжаев Б. Ўзбек адабиётшунослиги тарихи. – Тошкент: Ўқитувчи, 1993.
17. Головенченко Ф.М. Введение в литературоведение. – Москва: Высшая школа, 1964. – 318с.
18. Дониёров Х., Йўлдошев Б. Адабий тил ва бадиий стиль. – Тошкент: Фан, 1989.

| | | |
|---|---|---|
| 7 | | 19.Жирмунский В.М. Теория литературы. Поэтика, Стилистика. – Ленинград: Наука, 1977. – 407с.<br>20.Жирмунский В. М. Сравнительное литературоведение. – Ленинград: Наука, 1979. – 493с.<br>21.Каримов Н. Янги ўзбек адабиёти тарихи. – Тошкент: 2007.<br>22.Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварй. – Душанбе: нашри УДТ, 1985. – 116с.<br>23.Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварй. – Душанбе: УДТ, 1985.<br>24.Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1987, 160 с.<br>25. Отахонова Х. Падидаҳои навчўӣ. – Душанбе: Ирфон, 1972.<br>26.Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1983.<br>27.Раҷабӣ М. Тадқиқи таърих – тадқиқи характер. – Душанбе: Адиб, 1990.<br>28.Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1987, 352 с.<br>29.Султонов И. Адабиёт назарияси.- Тошкент: Ўқитувчи, 1980<br>30.Самад В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими инкишофи адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1976-22с.<br>31.Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. – Душанбе: Ирфон, китобҳои 1,2,3,4. – Душанбе: Ирфон, 1966-1984.<br>32.Таърихи адабиёти муосири тоҷик. Ч.1 – Душанбе: Дониш, 1984.<br>33.Таърихи адабиёти муосири тоҷик. Ч.2 – Душанбе: Дониш, 1984.<br>34.Таърихи адабиёти муосири тоҷик. Ч.4 – Душанбе: Дониш, 1984.<br>35.Таърихи адабиёти муосири тоҷик. Ч.6 – Душанбе: Дониш, 1984.<br>**36.**Шукуров М. Паҳлўҳои тадқиқи бадеӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976.<br>**37.** Ҳодизода. Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс- тоҷик. Душанбе, «Адиб», 1999.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>**38.**www.ZiyoNet.uz<br>**39.**www.wekopedia.tj<br>**40.**http://www. Яндекс. Словари © 2001.Большая Российская Энциклопедия, 1969-1978 //Модернизм и постмодернизм.<br>**41.**http://zpu-journal/ru/e-zpu/2009/5/sigachev Электронный журнал. «Знание. Понимание.Умение» 2010 Авангардизм. Натурализм. Модернизм. Постмодернизм<br>**42.**http://www.krugosvet.ru // Сюрреализм<br>5. |
| 7 | Дастури фан мутобиқи баённомаи №______ дар санаи “___”_______ соли |

| | |
|---|---|
| 7 | Дастури фан _____________ соли 2021 тахти баённомаи рақами ___ дар шўъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>Д.Ҳазратқулиён – номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>А.Шерназаров - доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷаи ДДС<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС |

**Кафедра мудири:** **проф. Ҷ.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси:** **проф. А.Пардаев**

**“Тасдиқлайман”**

**СамДУ Ўқув ишлари бўйича проректори:**

**_____________ А.С.Солеев**

**“24” Август 2021 йил**